*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-14 назди Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14).*

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Зуҳуров Бахтиёр Искандарович дар мавзӯи "Истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон), ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Бо рушди муносибатҳои хоҷагидорӣ проблемаи истифодабарии захираҳои табиӣ боз ҳам васеъ гашт. Талаботи зиёди корхонаҳои саноатӣ ба захираҳои табиӣ ва афзоиши босуръати истеъмоли онҳо дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ боиси дар ояндаи наздик дар шароити маҳдудияти захираҳо таҳдиди нарасидани онҳо гардид. Бинобар ин, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ дар тамоми дунё имрӯз ба яке аз проблемаҳои муштарак табдил ёфтааст.

Барои идоракунии босифати табиат зарур аст, ки муҳити зист зарар надида, балки ҳамчун сармояи табиӣ ва қисми тамоми сармоя эътироф шавад. Барои вилояти Хатлон ва умуман, барои кишвар, ки захираҳои бойи табииро доро мебошад, азхудкунии захираҳои кашфнашуда ва истихроҷу коркарди онҳо шарти муҳимми рушди минбаъдаи ҳар як минтақа ба ҳисоб меравад.

Муаллиф қайд менамояд, ки рушди устувори вилояти Хатлон ва фаъолияти муътадили он, пеш аз ҳама, ба истифодаи самаранок ва оқилонаи неруи табиии он вобаста мебошад. Албатта, истифодаи оқилонаи иқтидори захираҳои табиӣ бо такя ба тамоми ниҳодҳои давлативу ғайридавлатӣ ва таъмини принсипҳои иқтисодиёти бозоргонӣ вобастагӣ дорад. Истифодаи мутавозин ва устувори захираҳои табиӣ барои ҳифзи муҳити зист барои наслҳои оянда ва таъмини рушди устувори инсоният хеле зарур арзёбӣ мегардад.

Дар диссертатсия масъалаҳои истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, таъкид шудааст, ки дар мавриди истифодаи оқилонаи онҳо рушди устувори минтақа тезтар ва босифат таъмин мегардад.

Муаллиф дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои илмиву назариявии иқтисодии истифодабарии сарватҳои табиӣ ғояҳои истифодаи самараноки иқтидори табиии кишварро ошкор намудааст. Назарияҳои гуногун оид ба истифодаи захираҳои табиӣ барои муайян намудани накш ва мақоми сарватҳои табиӣ дар рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар имконият доданд, ки самтҳои афзалиятнок ва мақсади асосии истифодабарии захираҳои табиӣ дар таъмини рушди босуботи минтақа заминаи устувор гузорад.

Ҷанбаҳои мусбии таҳқиқоти илмӣ дар он ифода мегардад, ки муаллиф муқаррароти назариявӣ ва методологӣ оид ба мукаммалгардонии истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ дар шароити муосир ва таҳияи чораҳои илмӣ ва амалӣ оид ба беҳтар намудани онҳо илман асоснок кардааст. Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии таҳқиқотро фарогир мебошанд.

Бо вуҷуди он, ки автореферати диссертатсия дар сатҳи баланди назариявӣ навишта бошад ҳам, дар он баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд.

1. Дар ҷараёни таҳлил, масъалаҳои маблағгузории истифодабарии сарватҳои табиӣ дар минтақаи Хатлон кам ба назар мерасад.

2. Хуб мешуд агар дар автореферати диссертатсия масъалаҳои танзими давлатӣ ба таври муфассал низ инъикос меёфт.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои дар боло зикршуда на он қадар ҷиддӣ буда, арзиши илмиву назариявии авторефератро паст намекунанд.

Диссертатсияи Зуҳуров Бахтиёр Искандарович дар мавзӯи "Истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон), дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи молияи Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Раҷабов Р.К.

Имзои Раҷабов Р.К.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Шуъбаи кадрҳова корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Деҳотӣ, 1/2
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
Телефон: +93 444 41 07, E-mail.ru, drrajab@mail.ru